# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович дар мавзуи «Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик .– Душанбе, 2023.– 25 саҳ.**

Имрӯз мо мушоҳида мекунем, ки баъзе халқиятҳо кӯшиш менамоянд, ки бузургони илму адаби дигар миллатҳоро дар таҳқиқотҳояшон ба халқи худ нисбат дода, ба ҳамин роҳ мехоҳанд хешро миллати соҳибтамаддун нишон диҳанд. Ин раванд, ки солҳои охир авҷ гирифтааст, моро ҳушдор медиҳад, ки фарзонафарзандони миллати худро бишносем ва ба осору афкори онҳо эҳтиром гузорем. Айни замон баррасӣ ва таҳлилу ташхиси фаъолияти илмӣ-адабии фарҳехтагони илму адаби тоҷик аз зумраи масъулиятҳои сангинест, ки дар назди муҳаққиқони миллию ватанӣ қарор мегирад, зеро муаррифии шахсиятҳо, аз ҷумла олимону адибони гузашта барои боз ҳам ғанитар гардидани ганҷинаи илму адаб ва исботи тамаддуни куҳани миллати тоҷик дар замони ҷаҳонишавӣ ва бархурди фарҳангҳо хеле зарур аст.

Саҳобии Астарободӣ аз зумраи шоирони моҳири форсу тоҷик аст, ки мутаассифона, рӯзгору осори ӯ дар Тоҷикистон ба таври шоиста мавриди таҳқиқ қарор нагирифта буд. Хушбахтона аз ҷониби унвонҷӯйи шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ рӯзгору осори Саҳобӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифт ва қадами нахустин дар ҷодаи саҳобишиносӣ гузошта шуд. Диссертатсияи Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович «Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология навишта шудааст, дар ин самт таҳқиқоти ҷадид маҳсуб мегардад.

Дар диссертатсияи Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович рӯзгор ва осори Саҳобии Астарободӣ таҳқиқ гардида, дар он саъй шудааст, ки ҳадафҳои гузошташуда ба таҳқиқ расанд, ки муаллиф ба он ноил гардидааст. Ба назари мо пажуҳиш дар осори Саҳобии Астарободӣ пеш аз ҳама аз муҳаққиқ савияи баланди донишро талаб мекунад. Муаллифи диссертатсияи мазкур ба таҳқиқи осори Саҳобии Астарободӣ пардохта, хулосаҳои мувассақи илмиро манзур менамояд.

Тавре дар боло ишора шуд, диссертатсияи Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович дар мавзуи «Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ», ба рӯзгору осори рубоисарои машҳур, аммо дар айни замон ношинохта бахшида шудааст, ки як таҳқиқоти тоза ва саҳифаи нав дар адабиётшиносии имрӯзи мост.

Диссертатсия аз се боб, ҳашт фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, ҳамзамон ҳар як фасл дар навбати худ боз ба зерфаслҳо ҷудо шуда, муаллиф бо як низоми муайян ва пай дар пай масъалаҳои интихобкардаро пажуҳиш кардааст. Ӯ маъхазҳо ва сарчашмаҳои камёфту нодирро дар таҳқиқоташ истифода кардааст. Дар боби аввали диссертатсия, ки "Зиндагӣ ва мероси адабии Саҳобии Астарободӣ" ном дорад, кӯшиш кардааст, ки зиндагиномаи шоирро барқарор намояд, муҳтавои осору ашъори шоирро нишон диҳад. Ба назари инҷониб ӯ дар ин боб ба ҳадаф расидааст. Дар боби дуюм "Мавзуъ ва мундариҷаи ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ" муҳтавои ғазалиёти шоирро ба риштаи таҳлил кашида, мавзуҳои ишқу ошиқӣ, панду ҳикмат, вижагиҳои ғазалиёти шоир ва таъсирпазирии ӯро таҳқиқ намудааст. Дар ҳар фасли ин боб як навгонии илмӣ мушоҳида мегардад. Боби сеюм "Рубоиёти Саҳобӣ ва мавзуву муҳтавои онҳо" низ хуб таҳқиқ шудааст. Диссертант кӯшидааст, ки муҳтавои рубоиёти шоирро бозгӯ кунад. Дар фаслҳои ин боб андешаҳои иҷтимоӣ, ирфонӣ, ахлоқӣ ва забону услуби баёни адиб таҳлилу таҳқиқ шудаанд. Албатта оғози ҳама кор мушкил аст. Кори унвонҷӯ қадами нахустин буда, муаллифи он сазовори таҳсину тақдир мебошад.

Автореферати диссертатсия ба забони фасеҳ таълиф гардида, баррасию таҳлил ва натиҷагириҳояш дар таҳқиқи мавзуъ саҳеҳанд. Муҳаққиқ 15 мақола, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мунташир кардааст, ки муҳтавои диссертатсияро бозгӯ менамоянд.

Аз баррасии автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки он кори анҷомёфтаи илмӣ буда, дар шинохти Саҳобии Астарободӣ дар Тоҷикистон барои муҳаққиқон ёрии амалӣ мерасонад. Сохтор ва муҳтавои автореферати диссертатсия ба талаботи диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, он мундариҷаи таҳқиқоти илмиро бозгӯ мекунад.

Баробари дастовардҳо дар автореферат баъзе норасоӣ ба назар расид, ки баёни онҳоро зарур меҳисобем:

1. Дар матни автореферат, дар сархатти якуми саҳ. 22, бо овардани иқтибос, мунтаҳои матлаб норӯшан аст;

2. Дар муқаддима масоили таҳқиқ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда характери умумӣ гирифтаанд;

3. Хатои имлоӣ, услубӣ ва китобатӣ низ дар баъзе саҳифаҳои фишурда (саҳ.19, 22, 23) ба чашм мерасад, ки ислоҳи онҳо мувофиқи матлаб аст.

Нақсҳое, ки иброз доштем ба муҳтавои умумии диссертатсия халал ворид намекунанд ва ислоҳпазир мебошанд.

Дар маҷмуъ пажуҳиши мазкур, ки барои дифоъ пешниҳод шудааст, навгониҳо, бартариҳо ва дастовардҳои хуби илмӣ дорад.

Автореферати диссертатсияи Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович дар мавзуи «Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ» аз рӯи моҳияти мавзуи таҳқиқшаванда, ҳадафу вазифаҳои муайяни таҳқиқот, дастрасӣ ба маводи таҳқиқшаванда, шеваи таҳқиқ, аҳаммияти назариву амалӣ ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, навгониҳо ва натиҷагириҳо ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик мувофиқ аст ва муаллиф сазовор ба дарёфти унвони илмии номзади илми филология мебошад.

Мудири Редаксияи забон, адабиёт
ва фолклори МД Сарредаксияи
илмии Энсиклопедияи миллии
тоҷик, номзади илми филология Маҳмадулоев Фаридун

Суроға: ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 17,
Тел: 935163137, 919688514, 2333828
E-mail: faridun7339@mail.ru.
«5» июни соли 2023

Имзои Ф. Маҳмадулоевро тасдиқ мекунам:
нозири шуъбаи кадрҳои
МД Сарредаксияи илмии
Энсиклопедияи миллии тоҷик С. Холиқова

Суроға: ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 17,
Тел: 905227171
E-mail: sohibjamol-67@mail.ru
«5» июни соли 2023